**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Тағоев Маҳадмумин Раҳимович дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистои пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Тағоев М.Р. ба яке аз масъалаҳои рӯзмарраи илми иқтисодӣ, махсусан муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ, яъне ҳамкории мамлакат бо институтҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ бахшида шудааст. Таҳқиқи ин самти ҳамкорӣ бо ҷаҳони берунӣ аз Консепсияи сиёсати хориҷии мамлакат, сиёсати дурандешонаи Пешвои миллат ва як қатор санадҳои ҳуқуқию меъёрии танзимкунандаи ин самт маншаъ мегирад. Ташкил ва тавсеаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо институтҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ яке аз шартҳои асосӣ ва омили рушд маҳсуб ёфта, дар шакли кори илмӣ ҳамчун тадқиқоти алоҳида нахустин маротиба манзур карда мешавад. Унвонҷӯй бисёр ба маврид қайд мекунад, ки воқеан норасоии захираҳои молиявии дохилӣ давлатҳоро водор месозад, ки чӣ барои гирифтани қарзҳои берунӣ ва чӣ барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ марок зоҳир намоянд. Маҳз ин кушишҳои давлатҳоро муаллиф дар шароити ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ дуруст ва саривақтӣ ба қалам додааст. Дар ин самт таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ (СБММ) равона карда шудааст. Дар ин самт, муаллиф аз пайомадҳои мусбату манфии ташкили муносибатҳои ҷумҳурӣ бо СБММ баъзе аз масъалаҳои мубрамро ошкор намудааст.

Мавзӯи интихобкардаи муҳаққиқ, ки дар умум боло бурдани сатҳу сифати ҳамкориҳоро бо СБММ фаро мегирад, мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Тавсеаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ниҳодҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ яке аз масъалаҳои меҳварии Паёмҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташкил медиҳад. Тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошта буданд: «...Тоҷикистон муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи судмандро бо тамоми кишварҳои дунё ба роҳ монда, робитаҳои созандаи дӯстонаро бар пояи эҳтироми ҳамдигар ва баробарӣ густариш медиҳад.

Зимнан, мо ҷиҳати тавсеаи ҳамёрии худ бо шарикони рушд, созмонҳои байналхалқиву минтақавӣ ва ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ дар оянда низ тадбирҳои амалӣ хоҳем андешид.

Боиси зикр аст, ки дар тӯли соҳибистиқлолӣ чандин ташаббусҳои созандаи кишвари мо дар робита ба масъалаҳои муҳимми сиёсати ҷаҳонӣ ва татбиқи тарҳҳои азими минтақавӣ аз ҷониби шарикони байналмилалӣ пуштибонӣ ёфтаанд....».

Дар ин замина аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин барномаҳои давлатӣ, аз ҷумла Барномаи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои гуногун); Барномаи қарзгирии беруна барои солҳои 2018-2020 аз 15-уми ноябри соли 2017; Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 аз 28-уми декабри соли 2016 ва Стратегияҳои шарикӣ бо институтҳои алоҳидаи донор қабул карда шуд, ки далели равшани сиёсати ҳадафмандонаи кишвари мо дар самти густариши ҳамкориҳо бо СБММ ба ҳисоб мераванд. Дар маҷмӯъ, мавзӯи таҳқиқот идомаи мантиқии сиёсати иқтисодии хориҷии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти баланд бардоштани нишондиҳандаҳи макроиқтисодӣ маҳсуб меёбад.

Гарчанде дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзӯи мазкур муҳим ва рӯзмарра маҳсуб ёбад ҳам, аммо тадқиқоти илмии бунёдие дар ин самт вуҷуд надорад. Паҳлуҳои гуногуни он аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, аммо ҳеҷ яке аз олимони ватанӣ моҳиятан ба таҳқиқи илмии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ машғул нагардидаанд. Бинобар ин дар шароити истиқлолияти давлатӣ ва густариши ҷаҳонишавию минтақагароӣ омӯзиши ҳамкориҳои Тоҷикистон бо СБММ ҳамчун падидаи серпаҳлу ба таҳлили илмии амиқ ниёз дорад. Дар диссертатсия масъалаи ҳамкориҳо бо СБММ ба таври назариявӣ, таҳлилӣ, оморӣ, диалектикӣ ва ҳамзамон аз диди таърихӣ таҳқиқу таҳлил карда шудааст.

Унвонҷӯй пажӯҳиши заминаҳои таърихӣ-назариявии ташкили ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо СБММ низ дар назди худ вазифа гузоштааст. Аз ҷумла, тавсеаи ҳамкориҳоро баррасӣ намуда, муаллиф, инкишофи муносибатҳоро бо СБММ дар давраи истиқлолияти давлатӣ ба чор давра ҷудо сохтааст: 1) давраи солҳои 1991-1997; 2) давраи солҳои 1997-2001; 3) давраи солҳои 2001-2010; 4) давраи солҳои 2010 то инҷониб. Даврабандии инкишофи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ натиҷаи таҳқиқоти муаллиф ва мавқеи шахсии муаллифии ӯ буда, ҳар яке аз ин давраҳо бо дарназардошти саҳм ва нақши онҳо дар таҳкими муносибатҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Унвонҷӯй ибтидои ташкили муносибатҳоро бо СБММ ба барҳамхурии лагери сотсиалистӣ, оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандию хисороти калони молию ҷонӣ ва пулию инфрасохтории он ва дар ниҳоят бо камомади даромади буҷети давлатӣ, сатҳи баланди фақру камбизоатӣ,

мушкилиҳои экологӣ, норасоии захираҳои молиявии рушди соҳаҳои хоҷагии халқ ва ба ин монанд мепайвандад.

Вазифаҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионии муаллифро ошкор сохтани муайяннамоии нақш ва мавқеи СБММ дар тараққиёти хоҷагии ҷаҳонӣ барои фаҳмиши дараҷаи таъсири онҳо ба равандҳои интегратсионӣ ва тараққиёти давлатҳои дар сохти гузариш қарордошта ташкил карда, нақш ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар **СБММ** ва ҳамчунин муайяннамоии хусусиятҳои ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ муайян карда шудааст. Муаллиф дар назди худ вазифаи дигарро бо мушаххасгардонии самтҳои афзалиятнок ва аҳамияти стратегидоштаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ ва мукаммалгардонию аниқсозии пешниҳоди механизмҳои бештар самараноки ҳамкориҳо бо СБММ, ки дар таҷрибаи муосир татбиқи онҳо роиҷ аст, дуруст ба нақша гирифтааст.

Муҳаққиқ омӯзиши низоми мушаххаси мукаммалгардонии муносибатҳои тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо СБММ бо назардошти ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии таҷрибаи ҷаҳонии ҳамкориҳо бо ин созмонҳо, самтҳои асосии устуворгардонии мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СБММ ва самаранокии истифодаи захираҳои молиявии онҳоро дар таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ ҳамчун мақсади асосии таҳқиқот қарор дода, дар асоси таҳлилҳои илмӣ-назариявӣ масъалаҳои амалиро низ баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, дар таҳқиқоти илмӣ нақши захираҳои молиявии байналхалқӣ дар таъмини рушди усувори иқтисодӣ ва омилҳои таъсиррасон ба муносибатҳои байниҳамдигарӣ, шароит ва роҳҳои ташаккулёбии муносибатҳои байни СБММ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои ҳуқуқии таъмини шароит барои тавсеаи ҳамкориҳои СБММ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили ҳамаҷониба ва комили илмиро пайдо кардаанд.

Муаллиф тавсеаи ҳамкориро бо СБММ қисми таркибии сиёсати иқтисодии хориҷӣ дар умум ҳисобида, мафҳум, субъект, принсипҳо ва роҳҳои ташкили ҳамкориро бо СБММ муайян кардааст. Таҳлили фаъолияти як қатор созмонҳои байналхалқӣ (ХБА ва Гуруҳи Бонки Ҷаҳонӣ) ва созмонҳои минтақавӣ (БИР, БОР, БАТТ) ва нақши онҳо дар бартарафсозии проблемаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва молиявию экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф мувофиқи пайдарҳамии мантиқӣ таҳқиқ шудааст. Дар вобастагӣ ба суръатёбии ҳамкориҳо бо СБММ аз ҷониби муаллиф дар ҳар як параграфи кори илмӣ ба ҳар самтҳои асосӣ пешниҳодҳои мушаххас карда шудааст. Ҳамзамон пешниҳоди муаллиф бобати мукаммалгардонии механизми ҳамкорӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои нави ҳамкориҳо бо СБММ қобили қабул аст.

Дар диссертатсия масъалаи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ ҳамчун як шохаи алоҳидаи илми иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ арзёбӣ карда шудааст. Аз ин рӯ, рисолаи илмии мазкур ҳамчун асоси базавӣ барои тадриси фанни нави таълимӣ дар муассисаҳои олии таълимӣ баромад хоҳад кард.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқоти бунёдӣ оид ба пажӯҳиши ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СБММ дар шароити рушди ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва дар шароити минтақагароию ҷаҳонишавӣ ба ҳисоб меравад.

Андешаҳои боло навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсиониро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи диссертатсия нишон медиҳанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ, таърихӣ, илмӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун инъикоси худро ёфтаанд.

Тарафи мусбати диссертатсияи мазкур дар он ифода меёбад, ки он яке аз аввалин диссертатсияҳо ба забони давлатӣ вобаста ба яке аз шохаҳои молияи байналхалқӣ, дар шакли забони илмии оммафаҳми тоҷикӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Тағоев Маҳадмумин унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Мукаммалгардонии механизми ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавии молиявӣ» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.14 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** **Шукуров Бӯрӣ Уроқович**
н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**“Тасдиқ мекунам”**
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э.Ш.**
«28» феврали 2019 с.

**Суроға:** 735025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел: (+992) 919-16-00-26
E-mail: nmmirzoev@mail.ru